**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Далери Сайдаҳтам ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқшиносӣ – таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аҳамияти рисолаи мазкур барои кишвари мо дар он аст, ки Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои рӯ ба рушд дар маҷрои равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта аз таъсири манфии он дар канор буда наметавонад. Унвонҷӯ бисёр бамаврид қайд мекунад, ки мавҷуд набудан ва ё ихтилофангез будани таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ, ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаи мазкур, инчунин ҷой надоштани махзани мафҳумҳои коркарду таҳияшуда вобаста ба мавзӯи баррасишаванда, мубрамияти мавзӯи мазкурро дучанд мегардонанд. Аз ҷониби дигар, ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди хусусияти айнӣ ва зеҳнидошта бо омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва рушди технологӣ вобастагӣ дорад. Дар ин росто, омилҳои иқтисодӣ чун имконият ва омилҳои ҳуқуқӣ воситаи татбиқи ҳадафҳои ҷаҳонишавӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Падидаи ҷаҳонишавӣ бо ҳуқуқ дар алоқамандӣ қарор дорад. Фазои мусоиди ҳуқуқӣ равандҳои ҷаҳонишавиро метавонад ба манфиати низоми ҳуқуқии миллӣ равона намояд. Таъсири мусбат ва манфии равандҳои

ҷаҳонишавӣ бо асосҳои ҳуқуқӣ алоқаманд буда, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар ин самт вазифаи асосии ҳуқуқро бояд ташкил намояд.

Масъалаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бунёди низоми ҳуқуқии миллӣ дар асоси арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо дарки зарурияту муҳиммияти масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон, ки ба он буҳронҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ таъсир мерасонанд, олимони ҷомеашиноси мо бояд дастовардҳои таърихии халқамонро бештар тарғиб намоянд ва таҳқиқоташонро ба тақвияти пояҳои давлату давлатдории миллиамон ҳамчун омили муҳимтарини ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ равона созанд. Дар ин раванд муассисаҳои илмиро зарур аст, ки ҷиҳати ба сиёсати имрӯза мутобиқ намудани мавзӯъҳои фармоишӣ чораҷӯӣ карда, таҳқиқи масъалаҳои умдаи давлатдории миллиамонро бо дарназардошти пешрафти иқтисоди миллӣ, ояндаи кишвар ва ҳалли мушкилоти мубрами ҷомеа анҷом диҳанд». Дар маҷмӯъ, мавзӯи таҳқиқот идомаи мантиқии сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи низоми ҳуқуқии миллӣ, манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад.

Таваҷҷуҳи олимони зиёд ба масъалаи мазкур аз мубрам будани он далолат мекунад. Аммо мавзӯи мазкур ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то ба имрӯз таҳлил нашудаанд. Бинобар ин дар шароити рушди бо суръати равандҳои ҷаҳонишавӣ мавзӯи мазкур ҳамчун падидаи серпаҳлӯ ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам бо мақсади таҳлили масъалаи мазкур ба иҷро расидааст. Дар диссертатсия падидаи мазкур ба таври назариявӣ ва аз диди таърихӣ таҳқиқ шудааст. Инчунин, рисола дар доираи Барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020-«Проблемаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода карда шудааст.

Унвонҷӯ пажӯҳиши таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба мустақилияти низоми ҳуқуқии миллиро дар назди худ вазифа гузоштааст. Аз ҷумла, омили дигари таҳдидкунанда ба рушди низоми ҳуқуқи миллӣ, ки аз равандҳои ҷаҳонишавӣ бармеояд, ташаккулёбии намунаи ғарбии қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ чун давоми ғарбгарой бо андешаҳои ғарбгароёна ворида низомҳои ҳуқуқӣ гардида, анъанаҳои ба тамаддуни ғарб хосро густариш дода истодааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқотии диссертатсионии муаллифро муайян намудани мафҳум ва моҳияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар зуҳуротҳои ба он алоқаманд, чун падидаи таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ; таҳлили назариявӣ-методологии низоми ҳуқуқии миллӣ, нишона ва дигар хусусиятҳои он; таҳқиқ ва таҳлили мафҳумҳои «ҷаҳонишавӣ», «ҳамгирой», «низоми ҳуқуқии миллӣ», «ҷаҳонишавии ҳуқуқ» ва дигар падидаҳои ба он алоқаманд; таҳқиқи дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирой; муайян намудани таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; муайян намудани мавқеи соҳибихтиёрии давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ташкил медиҳанд. Муҳаққиқ мафҳумҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонишавии ҳуқуқиро таҳлил намуда, назари хешро оид ба падидаи мазкур пешкаш сохтааст. Дар диссертатсия ҳамгироии ҳуқуқӣ, байналмилалисозии ҳуқуқӣ ва мувофиқсозии ҳуқуқӣ ба сифати усулҳои ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ муайян гардидааст. Ҳамзамон андешаҳои олимон оид ба ин масъала пешниҳод карда шудааст.

Пажӯҳишгар омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллиро ҳамчун мақсади таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ масъалаҳои амалиро низ

баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот заминаҳои таърихии пайдоиши раванди ҷаҳонишавӣ, ҳимояи ҳуқуқии соҳибихтиёрии давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, таъсири ҳамгироӣ ба рушди низоми ҳуқуқи миллӣ таҳлили ҳамаҷониба ва комили илмиро дарёфтаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд. Илова бар ин, тибқи мақсад ва вазифаҳо сохти мантиқии таҳқиқоти илмӣ муайян ва дуруст интихоб шудааст. Дуруст интихоб намудани сохти мантиқии пажӯҳиши илмӣ имкон додааст, ки таҳқиқоти мантиқӣ ва муттасили илмӣ анҷом дода шавад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти бунёдӣ оид ба пажӯҳиши таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо анъанаҳои таърихӣ, ба инобатгирии арзишҳои миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд. Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Муҳаққиқ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуқтаҳои назари илмӣ, асоснок

намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имкон додааст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Далери Сайдаҳтам – аспиранти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон**
**ва ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Д.С. Раҳмон**

**Имзои Раҳмон Дилшод Сафарбекро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Э. Тавқиев**